**С.Ғ. Ашуров,**
**дотсенти кафедраи химияи органикӣ**

# КОРРУПСИЯ - ПАДИДАИ МАНФӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутараққии замони муосир дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангҳои гуногун қарор дорад ва ҷомеаи ҷаҳониро муаммоҳои зиёде, аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтаанд. Коррупсия яке мавзӯъҳои мубрами рӯз дар замони муосир ба шумор меравад. Он дар қатори дигар падидаву омилҳои номатлуб зуҳуроти барои ҷомеа ва давлат хатарнок дониста шуда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст ишора намудаанд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».

Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ – ин дар ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба институтҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки коррупсия ин амали ғайриқонунии шахсоне мебошад, ки ба давлату ҷамъият зарари калонро ба вуҷуд меорад. Дар ин ҷо, мазмун ва диққати асосӣ ба калимаи зарар додан мумкин аст, зеро омили ҷойдошта имконияти вайронкунӣ, маҳдудкунӣ, ё ин ки маҳрумкуниро ба миён меорад.

Ҳанӯз чанд аср қабл яке аз мутафаккирони бузург Ш.Л. Монтеские гуфта буд: «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ мешавад».

Пешвои миллат бо дарки хавфи баланди кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза оштинопазирро бо ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа пурзӯр намуда истодааст.

Бояд зикр кард, ки Тоҷикистон дар миқёси ИДМ яке аз аввалинҳо шуда соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул кард. Қобили қайд аст, ки муқовимат ба коррупсия аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

Бинобар ҳамин бахри пешгирии ҳолатҳои коррупсиони дар замони муоссир бояд ҳар як шахс новобаста аз вазифаи ишғолнамудаи худ барои ин вабои аср мубориза барад.